**Тақриз**

ба автореферати Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 -Ботаника пешниҳод шудааст

Унвонҷӯ Мирсабуров Ш.М. дар таҳқиқотҳои илмии бисёрсолаи худ флора ва экологияи обсабзҳои минтақаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшонро омӯхта мавриди таҳқиқот қарор додааст. Бори аввал обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, таркиб ва сохтори алгофлора аз ҷониби диссертант мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон пешниҳод шудааст, ки аз 195 намуд ва зернамуд иборат аст. Аз онҳо 31 намуд ва зернамуд аввалин маротиба барои минтақаи таҳқиқотӣ ва 12 намуд ва 6 зернамуд барои ҳудуди Тоҷикистон бозёфти нави флористикӣ ба шумор мераванд.

Аз тарафи диссертант бори аввал паҳншавии обсабзҳои сабз дар Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, таҳлили пурраи алгофлораи обсабзҳои сабзи минтақаҳои таҳқиқоти муайян ва бо дигар минтақаҳо муқоиса намуда, инчунин паҳншавии экологии онҳоро пешниҳод намудааст. Ғайр аз ин таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ гузаронида шуда, 53 намуди обсабзҳои индикаторӣ, ки дар омӯзиши ҳолати санитарии ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ бо методи биологӣ (биоиндикатсия) аҳамияти илмӣ доранд, муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои ба дастомада барои муайян намудани гуногуншаклии биологии обсабҳои сабзи (Chlorophyta) Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва таркиби таснифотии он аҳамияти калони илмиву амалӣ доранд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) Тоҷикистони Шимолӣ дар курсҳои назариявӣ ва амалии (аз алгология) барои донишҷӯёни факултети биологияи донишгоҳҳо ва донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Маълумотҳои ба дастомада дар муайян кардани флораи обсабзҳои сабзи Тоҷикистон ва Осиёи Миёна аҳамияти махсус доранд.

Аз ҷониби муаллиф корҳои зиёди таҳқиқотӣ бо истифодаи методҳои муайян иҷро гардида, натиҷаҳои он дар автореферат дарҷ гардидааст. Маълумотҳои экологӣ ва паҳншавии намудҳо дар рӯйхати таснифотӣ бо расмҳои ҷолиб пурра карда шудаанд, ки кори мазкурро барои мутахассисони соҳаҳои гуногуни биология, бахусус алгологҳо ва экологҳо

хело ҷолиби диққат намуда, маводҳои мазкур метавонанд ба базаи омӯзишии обсабзҳои сабз ворид карда шаванд.

Хулосаҳои баровардашуда мазмун ва мундарҷаи асосии корро дар бар мегирад.

Аз рӯи маводи диссертатсия 9 кор, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ аз ҷониби КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ба нашр расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат бо забони равону дастраси илмӣ баён гардида, аз соҳибкаси худ будани муаллиф ва донистани методҳои муосири таҳқиқотҳои илмӣ ва тадбиқи онҳо дар илм гувоҳӣ медиҳад. Автореферат ҳам бо забони русӣ ва ҳам бо забони тоҷикӣ хело хуб навишта шуда, аз хатогиҳои имлогӣ ва мазмунӣ холист.

Кори мазкур аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дошта, автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тартиби қарордоди дараҷаҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ" ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирсабуров Ш.М. барои сазовор шудан ба дараҷаи номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника арзанда аст.

Дотсенти кафедраи ботаникаи
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов　　　　Жалов Холмурод
Ҳакимович

Имзои Жалолов Х.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов　　　　Абдуллоева Ситора
Хуррамовна

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI • SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI • XODIMLAR BO'LIMI

140104, ш. Самарқанд хиёбони
Донишгоҳ 15.
Тел:+ (998) 91 5310410;
Email: zhalov_kholmurod@rambler.ru